# Суратҷаласаи №8

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

аз 3 сентябри соли 2020

Иштирок доштанд:
Аз 20 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 16 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

3 сентябри соли 2020 соати 13.00 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 15.30.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҳ. Раҷабов шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Муродов Мурод Бердиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессор.

**Муқарризони расмӣ:**

**1.Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО ва PR-и Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**2. Маҳкамова Дилором Юнусовна** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода».

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Салимзода Маҷид Одина бо муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон С. Сулаймонов, А. Кӯчарзода, Б. Мақсудов, А. Азимов ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Муродов Мурод Бердиевич тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни пурраи тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

Муқарризони расмӣ: **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО ва PR-и Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, **Маҳкамова Дилором Юнусовна** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон А. Кӯчарзода, Д. Хоҷаев, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, Ҷ. Садулоев, Т. Мардонӣ, У. Сафаров, А. Азимов иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзо – Д. Хоҷаев (раис), Ф. Шарипова, М. Нарзиқул (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 20 нафар аъзои Шӯро 16 нафар ҳузур доранд: аз инҳо 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 16, муқобил - нест, бетараф - нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Салимзода Маҷид Одина додани дараҷаи илмии номзади илми филологӣ қабул гардид.

**ҚАРОРИ**

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 3.09.2020** **ш. Душанбе**

Баромади Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи «**Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон**» барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи ВАО ва PR-и Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон – **Муллоев Шариф Боқиевич**, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – **Маҳкамова Дилором Юнусовна,** муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон А. Кӯчарзода, Д. Хоҷаев, Б. Мақсудов, М. Нарзиқул, Ҷ. Садулоев, Т. Мардонӣ, У. Сафаров, А. Азимов шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Салимзода Маҷид Одина.

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи «**Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ – ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Салимзода Маҷид Одина дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Салимзода Маҷид Одина дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент — Гулназарова Ж. Б.